**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Ҷумъаев Ҷумъабой Ҷӯраевич дар мавзуи «Озарахш ва поэтикаи ашъори ӯ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ**

Озарахш аз ҷумлаи шоирони ҷӯё ва соҳибистеъдоди тоҷик мебошад, ки дар солҳои 90 - уми асри XX бо нахустин чакидаҳои хомааш ба майдони адабиёт ворид гардида, то имрӯз ба ҳайси як шоири навгаро дар рушди шеъри муосир саҳми худро мегузорад. Дастовардҳои асосии адабию эҷодӣ ва ҳунарии Озарахш асосан, дар давраи Истиқлол сурат гирифт ва дар ин замина метавон ӯро ба ҳайси адиби баркамол ва барҷастаи адабиёти давраи истиқлол муаррифӣ намуд.

Бояд гуфт, ки нақшу мақоми адабию ҳунарии шоир дар адабиёти имрӯзаи мо борҳо аз тарафи мунаққидон ва муҳаққиқони назми давраи истиқлол ишора шудааст. Аммо аҳволу осори Озарахш то кунун ба таври мушаххас ва алоҳида мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, метавон диссертатсияи Ҷ.Ҷумъаевро дар шинохти шахсият ва ашъори Озарахш иқдоми нахустин ва муҳим арзёбӣ кард. Зарурати омӯзиши ашъори ӯро воқеиятҳои таҳқиқи адабиёти давраи истиқлол ҳам таъйид менамояд.

Ҷ. Ҷумъаев аз ҷумлаи муҳаққиқони ҷавону умедбахши назми давраи истиқлол мебошад. Диссертатсияи мавриди назар маҳсули мушоҳидаҳо, ҷустуҷӯҳо ва пажуҳишҳои чандинсолаи муҳаққиқ дар заминаи эҷодиёти Шоири халқии Тоҷикистон Толиб Карими Озарахш мебошад. Чунонки ишора шуд, ашъори Озарахш назми муосири тоҷикро ҳам аз нигоҳи шакл ва ҳам аз лиҳози мазмун пайваста ғановат мебахшад. Махсусан, иқдомҳои шоир дар тасвири мавзуъҳои ватанхоҳӣ, худшиносии миллӣ, тасвиру тараннуми ниёзҳои маънавию воқеии инсони муосир қобили таваҷҷуҳ ва сазовори пажуҳишҳои арзишманд мебошад. Озарахш ба ҳайси шоири

навгарою ҷӯянда дар унсурҳои шакли шеъри муосир ибтикороти ҷолибе дорад, ки аксари онҳо аз тарафи аҳли адаби кишвар эътироф шудааст.

Ҳамаи ин навҷӯйиҳо ва тозакориҳои шоир дар диссертатсияи Ҷ. Ҷумъаев бо низом ва дар сатҳи зарурӣ таҳқиқ шудааст. Диссертант масъалаҳои марбут ба ашъори Озарахшро дар контексти равандҳои асосии назми тоҷикии давраи истиқлол ба таҳқиқ мегирад, ки он барои омӯзиши минбаъдаи адабиёти муосири тоҷик аз ҳар ҷиҳат муҳим ва муфид арзёбӣ мешавад.

Диссертант дар муқаддимаи диссертатсия мушаххасоти пажуҳиши худро ҳам аз лиҳози назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ ба таври муназзам тавзеҳ намуда, вазифаҳои асосии худро дар таҳқиқи ашъори Озарахш дуруст муайян менамояд. Вай ҳангоми баёни муҳиммияти мавзуи таҳқиқ таъкид менамояд, ки шеъри Озарахш бо забони пурғановат, сабки хоси баён ва навпардозиҳои шоиронааш аз ашъори суханварони ҳамнаслаш тафовут дорад ва он сазовори таҳқиқу баррасиҳои доманадори илмӣ мебошад.

Тавре ки ишора шуд, Ҷ. Ҷумъаев мавзуъро дар се боби асосии диссертатсия бо низом аз дидгоҳҳои мухталиф ба таҳқиқ мегирад.

Дар боби якуми диссертатсия, муҳаққиқ зиндагиномаи мухтасари шоирро тавзеҳ дода, кӯшиш мекунад, ки мақому ҷойгоҳи Озарахшро дар адабиёти тоҷикии давраи истиқлол дуруст муайян созад. Вай дар фасли дуюми боби аввали диссертатсия, зимни баррасии маҷмуаҳои ашъори «Аз чашмасор омадам», «Намози мусофир», «Чархболи офтоб», «Ҷӯйбори сари хирман», «Девони ишқ», «Ояндаҳо», «Парвона зинда аст…» ва ғайра масири ташаккули шахсияти адабии Озарахшро тавзеҳ дода, таъкид мекунад, ки маҷмуаҳои нахустини шоир зинаҳои камолоти адабию эҷодии ӯ ба ҳисоб меравад. Сабки шоирии Озарахш маҳз дар марҳилаҳои аввали эҷодиёт ба шакл даромада буд, ки ин як раванди табиӣ дар масири эҷодии ҳар як адиб аст.

Ҳамчунин, дар ин боб диссертант, таъкид медорад, ки дар ашъори Озарахш ватан ва ифтихороти ватандорӣ аз ҷумлаи мавзуъҳои меҳварӣ маҳсуб меёбад. Шоир Тоҷикистони азизро дӯст медорад ва ҳар як гӯшаи зебо, ҳар як пешравӣ ва муваффақияти он дар арсаҳои гуногун илҳоми шоирро саршор мегардонад. Воқеан, Озарахш аз ҷумлаи шоирони дорои назари амиқи адабию эҷодӣ мебошад. Ин фазилати шоирии ӯро метавон дар ашъори иҷтимоӣ ва ватанпарастиаш бештар ба мушоҳида гирифт.

Дар боби дуюми диссертатсия диссертант дар бораи анъана ва навоварӣ дар шеъри Озарахш баҳс кардааст. Ҷ. Ҷумъаев дуруст таъкид мекунад, ки маъмултарин анвои шеърӣ, ки ба он шоир ишқу алоқаи хос зоҳир мекунад, ин жанри ғазал мебошад. Ибтикороти шоир ҳам асосан дар пояи анвои суннатии шеър, мисли ғазал, рубоӣ ва дубайтӣ сурат мегирад.

Шеъри озод ва андешарезаҳо дар эҷодиёти Озарахш падидаи тоза маҳсуб меёбад. Дар ин шаклҳои шеърӣ Озарахш худро хеле озод ҳис мекунад ва боҷуръатона, ба қолабшиканӣ (ба маънои навпардозӣ) мепардозад. Ин ва дигар масоили марбут ба навҷӯиҳои шоир, дар боби сеюми диссертатсия, ки «Сохт ва бадеияти шеъри Озарахш» унвон дорад, муфассал мавриди таҳқиқ қарор мегирад. Дар фаслҳои алоҳидаи боби мазкур навпардозиҳои шоир дар анвои шеърӣ, қофияву радиф ва авзони шеър мушаххас бо зикри мисолҳои зиёде аз эҷодиёти Озарахш баррасӣ мегардад. Диссертант масоили мазкурро дар чанд фасли алоҳида баррасӣ намуда ба чунин хулоса мерасад, ки он қобили эътимод аст: «Тасвирҳо дар ашъори Озарахш бо роҳи интизоҷи хаёл ва руъё ташаккул ёфтаанд. Санъатҳои бадеӣ, хусусан ташбеҳу истиора ва ҳисомезӣ низ ба шакл гирифтани онҳо мусоидат кардаанд. Тасвири тару тоза дар шеърҳои озод ва чаҳорпораҳои шоир фаровонанд. Дар ашъори суннатии ӯ, алалхусус дар ғазалиёташ низ онҳо ба мушоҳида мерасанд. Бозёфтҳои шоиронаи

Озарахш дар тасвирҳои пуртаровати ӯ бармало мунъакис гаштаанд ва тасвиргариҳои шоиронаи ӯро собит кардаанд».

Диссертант Ҷ. Ҷумъаев, чуноне ки ишора шуд, бо омодагии махсус ба таҳқиқи ашъори Озарахш шуруъ карда, рисолаи арзишмандеро таълиф намуд. Мутолиаи диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф маводи зиёди илмию назариявӣ ва адабиро гирдоварӣ намуда, дар заминаи омӯзиши он тарҳи умумии таҳқиқоти диссертатсиониро пешниҳод кард.

Ҷ. Ҷумъаев дар ҷараёни таҳқиқи мавзуъ худро ба ҳайси муҳаққиқи ҷӯянда, донандаи хуби адабиёти муосир, равишҳо ва шеваҳои таҳқиқи илмӣ нишон дод. Вай дорои андешаи хос ва истиқлоли комили фикрӣ мебошад, ки ин аз ҷумлаи фазилатҳои муҳими пажуҳишгарист.

Нуктаи дигари қобили зикр, ин аҳамияти назарию амалӣ доштани диссертатсияи Ҷ. Ҷумъаев мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқоти ӯ на танҳо барои омӯзиши масоили марбут ба адабиёти тоҷикии давраи истиқлол муҳим аст, балки он барои таҳқиқи монографии эҷодиёти аксари шоирони муосири тоҷик роҳ мекушояд.

Ба таври куллӣ, диссертатсияи номзадии Ҷ. Ҷумъаев таҳқиқоти монографии комилу баанҷомрасида буда, барои ҳимоя тавсия мешавад. Ба диссертант Ҷ. Ҷумъаев тавсия мешавад, ки таҳқиқу омӯзиши масъалаҳои марбут ба адабиёти давраи истиқлол, ашъори шоирони шинохтаи муосир, равандҳои инкишофи шеъри имрӯзро идома диҳад. Диссертатсияи Ҷ. Ҷумъаев аз ҳар ҷиҳат ба меъёрҳои муайянкардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷувобгӯ мебошад. Натоиҷи илмӣ ва хулосаю тавсияҳои диссертант асоснок ва қобили эътимоданд. Забони диссертатсия бо забони содаю равон ва илмиву суфта таълиф ёфта, он ба меъёрҳою талаботи мавҷуда ҷавобгӯ мебошад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Ҷ. Ҷумъаев «Озарахш ва поэтикаи ашъори ӯ» кори илмии баанҷомрасида буда, барои баррасӣ ва дифоъ дар

Шурои диссертатсионӣ, ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ тавсия мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои филологӣ,**
**профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** **Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович**

«12» декабри соли 2023

Суроға: шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Маяковский, 52. Ҳ.30
Тел: 987-65-00-43
E-mail: soleh59@mail.ru

Имзои Ш. А. Солеҳовро тасдиқ мекунам:
**сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** **Мустафозода Абдукарим**

Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
Тел: +992(37) 224-13-83
E-mail: info@tgpu.tj